**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734064, кӯчаи Нахимов 64/14)**

## *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, пешниҳод шудааст.***

Мусаллам аст, ки рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир таҳти таъсири маҷмуи омилҳои сохторӣ ва макроиқтисодӣ амалӣ гардида, бо маҳдудияти манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ, сатҳи нокифояи ҷалби сармоя, нобаробарии таъмини соҳаҳо бо захираҳои молиявӣ ва зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ тавсиф мегардад. Дар чунин шароит, масъалаи ташаккул ва истифодаи самараноки механизмҳои қарзӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва молиявии давлат баромад намуда, дар таъмини рушди устувори бахшҳои воқеии иқтисодиёт нақши муҳим мебозад.

Низоми қарзӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун унсури муҳимми инфрасохтори молиявӣ хизмат карда, имкониятҳои васеъро барои таъмини корхонаҳо бо захираҳои зарурии молиявӣ фароҳам меорад. Истифодаи самараноки воситаҳои қарзӣ метавонад ба суръатбахшии равандҳои воридсозии инноватсия дар истеҳсолот, татбиқи технологияҳои муосир ва тавсеаи иқтидорҳои истеҳсолӣ мусоидат намояд. Дар маҷмуъ, ин равандҳо ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодии корхонаҳо, беҳтар гардидани сифати маҳсулот ва таҳкими мавқеи онҳо дар муҳити рақобатпазир заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Ҳамзамон, дар шароити муосир масъалаи такмили муҳити институтсионалии қарздиҳӣ, баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ, беҳтар намудани дастрасии субъектҳои хоҷагидорӣ, махсусан корхонаҳои хурду миёна ба захираҳои молиявӣ ва инчунин густариши истифодаи абзорҳои муосири молиявӣ аҳаммияти калидӣ касб менамояд. Ин омилҳо ҳамчун заминаи муҳим барои таъмини рушди устувор ва мутавозини бахшҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноати сабук, баромад мекунанд.

Бо назардошти равандҳои зикршуда, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиши амиқи асосҳои назариявӣ ва таҳияи механизмҳои самараноки истифодаи воситаҳои қарзӣ дар рушди саноати сабук равона гардидааст. Мавзуи интихобгардида дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, ба татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар замина мегузорад.

Дар раванди таҳлили автореферат муайян гардид, ки муаллиф заминаи назариявии таҳқиқотро дар асоси омӯзиши васеи адабиёти илмии ватанию хориҷӣ ташаккул дода, равандҳо ва қонуниятҳои асосии қарздиҳиро аз нигоҳи иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ. 15-22). Илова бар ин, дар таҳқиқот кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки робитаи байни назария ва амалияи истифодаи воситаҳои қарзӣ дар шароити иқтисодиёти миллӣ муайян карда шавад, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи асоснокии илмии натиҷаҳои бадастомада мусоидат менамояд.

Мақсади таҳқиқот ба таҳия ва такмили асосҳои назариявию методӣ оид ба истифодаи воситаҳои қарзӣ дар рушди саноати сабук ва инчунин ба беҳтарсозии дастрасии корхонаҳои соҳа ба захираҳои молиявӣ равона шудааст, ки ин бо вазифаҳои гузошташуда мутобиқ мебошад (саҳ. 7).

Навоварии илмии таҳқиқот дар такмили равишҳои назариявӣ ба қарздиҳӣ ва пешниҳод намудани механизмҳои нав барои истифодаи самараноки воситаҳои қарзӣ дар рушди соҳаи саноати сабук ифода меёбад, ки маҷмуан ба баланд бардоштани самаранокии низоми молиявӣ мусоидат менамояд (саҳ. 10-11).

Бо дарназардошти дастовардҳои илмии таҳқиқот, ҷиҳати боз ҳам такмил додани муҳтавои илмии он ва тақвияти дараҷаи асоснокии хулосаҳои бадастомада, мувофиқи мақсад дониста мешавад агар муаллифи рисола:

- ҷанбаҳои муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷиро оид ба истифодаи воситаҳои қарзӣ дар рушди саноати сабук дар автореферат ба таври мушахастар нишон медод.

Ин равиш метавонист барои муайян намудани тамоюлҳои муосири рушди низомҳои қарзӣ ва баланд бардоштани сатҳи асоснокии тавсияҳои илмии пешниҳодгардида заминаи боз ҳам мустаҳкам фароҳам оварад.

Бо вуҷуди ин, нуктаи мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сатҳи умумии илмӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонад.

Ҳамин тавр, кор илмии Миршарифзода Э.Қ. таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқарраргардидаи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №493, аз 27.12.2024 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст. Аз ин хотир, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор дониста мешавад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Досиев М.Н.**

**Имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н.- ро тасдиқ менамоям:**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ **Насурдинзода А. Н.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33, Тел.: (+992) 918-11-96-48. E.mail: dostiev68@mail.ru

«29» 04 2026 с.